Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31. 12 соли 2013, 20/27 тасдиқ шудааст

# ТАРТИБИ БА СИНФҲОИ ТАЪЛИМИ РАВИЯВИ ҶУДО НАМУДАНИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Тартиби ба синфҳои таълими равиявӣ ҷудо намудани хонаидагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Тартиб) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.04.2007, №171 (тағйиру иловаҳо аз 31.08.2013, №406), тасдиқ карда шудааст, Нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, тартиби қабули хонандагонро ба синфҳои равиявӣ ба танзим медарорад.

1.2. Мақсади асосии ба синфҳои таълими равиявӣ ҷудо намудани хонандагон ба амал баровардани дифференсиатсияи тахассусӣ (тафриқа, яъне гурӯҳбандии фанҳо аз рӯйи равия) ва фардикунонии таълим, фароҳам овардани шароити мусоид барои сайқал додани малакаю истеъдод, аз худ кардани дониш аз рӯйи равияи фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, табиӣ-риёзӣ ва технологӣ, ташаккули афкори шахсии хонанда, ҷаҳонбинӣ ва назари ӯ ба ҷомеа, фаъолгардонии мустақилияти хонандагон мебошад.

## 1. Ташкили равия ва зерравияҳо

1.1. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (ба истисноӣ муассисаҳои таълимии типи нав) гурӯҳбандӣ ба равияҳо танҳо аз синфи 10 иҷозат дода мешавад.

1.2. Гимназияҳо, литсейҳо ва муассисаҳои таълимии махсус барои хонандагони болаёқат, ки заминаи хуби таълимӣ, базаи моддӣ-техникӣ ва кадрӣ доранд, метавонанд хонандагонро аз синфи 5 ва 7 ба равияҳо гурӯҳбандӣ намоянд. Дар ин гуна муассисаҳои таълимӣ низ ба зерравия ва равияҳои соҳавӣ аз синфи 10-ум иҷозат дода мешавад.

2.3 Таълими равия дар муассисаҳои таълимие, ки зиёда аз 2 синфи мутавозӣ доранд, ба роҳ монда мешавад.

2.4. Муассисаҳои таълимие, ки 2 синфи мутавозӣ доранд, тибқи имконият метавонанд, дар яке таълими равия ташкил намоянд.

2.5. Ҳангоми ташкили равия майлу рағбат, қобилият, истеъдод ва маҳорату малакаи хонандагон, ҳамчунин хоҳиши падару модар (ё шахсони онҳоро ивазкунанда) ба эътибор гирифта мешавад.

2.6. Ба муассисаҳои таълимӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани заминаи моддӣ-техникӣ ва таъминоти кадрӣ барои ташкили равияҳои соҳавӣ ва зерравияҳо иҷозат дода мешавад.

2.7. Равияҳои техникӣ ва технологӣ ва зерравияҳои он дар литсейҳо, гимназияҳо, муассисаҳои таълимии махсус барои хонандагони болаёқат ва муассисаҳои таҳсилоти умумии замонавие, ки шароити хуби моддӣ, техникӣ ва кадрӣ доранд, иҷозат дода мешавад.

2.8.Зерравияи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ ба литсейҳо, гимназияҳо, муассисаҳои таълимии махсус барои хонандагони болаёқат ва муассисаи таълимие, ки дорои на камтар аз 50 адад компютер, шабакаи Интернет, китобхонаи электронӣ, почтаи электронӣ, кабинетҳои электронӣ, проекторҳо ва кабинети муҷаҳҳази таълимӣ, инчунин устодони дорои сертификати байналмилалии барномасозии компютерӣ мебошанд, иҷозат дода мешавад.

2.9. Зерравияи агротехнологӣ дар литсейҳо ва муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки дар деҳот ҷойгир буда, аз тарафи муассисаҳои хусусӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ассотсиатсияи падару модарон, фаъолони деҳаву ҷамоат ва сарпарастон дастгирӣ меёбанд, иҷозат дода мешавад.

2.10. Зерравияи индустриалӣ-технологиро литсейҳо ва муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки шароити хуби техникӣ, моддӣ, кадрӣ доранд ва дар наздики корхонаҳои калони саноатӣ, шаҳрак ва шаҳрҳо ҷойгир мебошанд, ташкил медиҳанд.

## 3.Тартиби интихоби хонандагон ба синфҳои таълими равиявӣ

3.1. Ба синфҳои таълими равиявӣ хонандагон дар асоси озмун қабул карда мешаванд.

3.2. Озмуни қабул ба синфҳои равиявӣ дар охири моҳи август бо аризаи хонандагон, ки бо падару модари онҳо мувофиқа карда шудааст, доир карда мешавад.

3.3. Озмун аз фанҳои асосии равияи таълим (забон ва адабиёт, забони русӣ, забони хориҷӣ, таърих, ҳуқуқ, алгебра, физика, химия, биология) тариқи тест ва ё гирифтани кори хаттӣ доир карда мешавад.

3.4. Натиҷаи озмун ба падару модар муаррифӣ карда шуда, ба таълими синфҳои равиявӣ қабул намудани хонандагон дар мувофиқа бо волидайн сурат мегирад.

3.5. Натиҷаи кори хаттӣ, аризаи хонандагон ва розигии падару модар то муассисаи таълимиро хатм намудани хонандагон маҳфуз дошта мешавад.

3.6. Натиҷаи озмун дар Шӯрои педагогии аввал (охири моҳи август) баррасӣ карда шуда, бо фармоиши директори муассисаи таълимӣ ба расмият дароварда мешавад.

3.1. Дар асоси озмун бо назардошти майлу рағбат ва маҳорату малакаи хонандагон замимаи нақшаи таълим интихоб гардида, дар нақшаи таълимии муассиса дарҷ мегардад.

3.2. Нақшаи таълимии муассиса, ки дар асоси нақшаи такягоҳӣ тартиб дода мешавад, дар Шӯрои педагогӣ тасдиқ карда мешавад.

3.3. Соатҳои бахши муассисаи таълимӣ тибқи қарори Шӯрои педагогӣ тақсим карда шуда, ба соатҳои давлатӣ илова мегардад ва дар тавзеҳот нишон дода мешавад.

## 4. Раванди таълим дар синфҳои равиявӣ

4.1. Таълим дар синфҳои равиявӣ тибқи нишондод ва тавзеҳоти нақшаи таълим сурат мегирад.

4.2. Соатҳои таълимӣ дар синфҳои равиявӣ танҳо ба омӯзгорони дорои маълумоти олӣ ва тибқи имконот ба омӯзгорони дорои тахассуси дараҷаи олӣ ва якуми омӯзгорӣ дода мешавад. Ҳадди ниҳоии сарбории соатҳои таълимӣ дар синфҳои 10-11-и таълими равиявӣ дар ҳама намуди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз 42 (34+8) зиёд буда наметавонад.

4.3. Дар синфҳои таълими равиявӣ ба омӯзгорони ғайриихтисос ва бетахассуси омӯзгорӣ додани соатҳои таълимӣ манъ аст.

4.4. Таълим дар синфҳои равиявӣ тибқи низоми кабинетӣ ва ё дар синфҳои муҷаҳҳаз доир карда мешавад.

4.5. Самаранокии таълими синфҳои равияӣ тибқи мониторинг арзёбӣ ва дар Шӯрои педагогӣ баррасӣ карда мешавад.

4.6. Ба хонандагон имконият дода мешавад, ки таълими равиявии интихобнамударо тағйир диҳанд ё аз синфи таълими равияи тахассусӣ (профилӣ) ба синфи муқаррарӣ гузаранд (танҳо дар ибтидои соли таҳсил), агар қобилияти хонанда ё сатҳи дониши ӯ ба талаботи Оинномa ва Низомномаи амалкунанда мувофиқ набошад.

4.1. Номгӯи фанҳое, ки хонандагони синфҳои таъ- лими равиявӣ аз аттестатсияи хатми таҳсилоти миёнаи умумӣ мегузаранд, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Намуди аттестатсия (хаттӣ, шифоҳӣ, тест) низ аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

4.2. Дар аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар кадом равия таҳсил намудани хонандагон нишон дода мешавад.

## 5. Ворид намудани тагйиру иловаҳо

5.1. Ба Тартиби мазкур дар ҳолати зарурӣ тибқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ тағйиру иловаҳо ворид карда мешавад.

муқаррарӣ гузаранд (танҳо дар ибтидои соли таҳсил), агар қобилияти хонанда ё сатҳи дониши ӯ ба талаботи Оиннома ва Низомномаи амалкунанда мувофиқ набошад.

4.1. Номгӯи фанҳое, ки хонандагони синфҳои таъ- лими равиявӣ аз аттестатсияи хатми таҳсилоти миёнаи умумӣ мегузаранд, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Намуди аттестатсия (хаттӣ, шифоҳӣ, тест) низ аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

4.2. Дар аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар кадом равия таҳсил намудани хонандагон нишон дода мешавад.